41347



# ТОҲИР ва ЗЎҲРО

# ТОҲИР ва ЗӮҲРО



Бо такмил ва таҳрири
Р. Амонов

НАШРИЁТИ „ИРФОН“
Душанбе 1967



Тадж. ССР



Буд-набуд, як подшоҳ буду як вазир. Ҳар ду муддати дароз бефарзанд буданд. Фақат вақте ки мӯи сарашон мошу биринҷ шуда ришашон ба рӯи синаашон расид, занҳои онҳо умедвор шуданд. Шоҳу вазир аз ин ҳодиса бисьёр хурсанд шуда, зуд-зуд базму зиёфат ташкил мекардагӣ, ҳар моҳ як бор

ду бор ба сайду шикор мерафтагӣ шуданд.

Рӯзе онҳо дар як дараи хушманзараи кӯҳӣ шикор карда истода буданд, ки вазир оҳуеро дида таъқиб кард. Оҳу хеле оҳиста мегурехт. Вазир нишон гирифта, тир кушоданӣ шуда дид, ки шиками оҳу калон. Вазир фаҳмид, ки оҳу ҳомиладор аст. Ӯ худ ба худ «зани ман ҳам, монанди ҳамин дуҷон аст, магар куштани он убол нест» гуфта, тир накушода пас гашт. Подшоҳ ҳайрон шуда пурсид:

— Эй вазир, чаро аз сайд даст кашидаӣ?

Вазир воқеаро гуфта дод. Кори вазир ба подшоҳ маъқул шуду онҳо қарор доданд, ки ба ягон ҷои дигар рафта шикор кунанд.

Дар шикоргоҳи дигар якчанд кабкро зада, пар канда, кабоб карда хӯрда нишаста буданд, ки подшоҳ оҳуи ҳомиладорро ба хотир оварда гуфт:

— Дӯсти азиз, солҳост, ки ту ба ман мисли як ёру бародар хизмат мекунӣ, бо хирадмандӣ ва зиракии беназири худ дар ҳалли бисьёр масъалаҳои мушкил ба ман ёрӣ расондӣ. Ман қарор додам, ки агар занҳои ҳардуямон писар зоянд, коре кунем, ки онҳо монанди ману ту дӯстони ҷонӣ шаванд. Агар зани ту духтар зояд, духтарат арӯси



ман, агар зани ман духтар зояд, писарат ба ҷои ман подшоҳ ва духтари ман арӯси ту шавад.

Ин гап аз таги дили вазир буд, вай бо хурсандӣ ризогӣ доду ҳар ду аҳду паймон бастанд.

Рӯзи дигар ҳадьягирҳо омада хабар доданд, ки чашми занҳои шоҳу вазир равшан шуд.

Баъд ба вазир рӯ оварда, ӯро бо писар муборакбод карданд. Вазир аз ин хабари нек бисьёр хурсанд шуд:

— Шукр, сад бор шукр,— гӯён асп да-

вонда, ба хонааш омад. Ба хонааш расида, писарро ба досташ гирифта, бӯса кард. Ба дидааш молид ва «чӣ хушбахтист, ки дар зиндагониам рӯи фарзандро медидаам» гуфта писарашро бардошта, ба қасри подшоҳ равон шуд.

Ин вақт подшоҳ аз шикор баргашта буд. Вазир дар як даст писараш ва дар дасти дигараш духтари ба порчаҳои зарбофт печонидаи подшоҳро гирифта, ба пеши ӯ бурд. Подшоҳ вазирро дида, аз ҷояш хест, бачагонро аз дасти ӯ гирифта бӯса кард, сонӣ ба маслиҳати калонсолтарини дарбориён ба писар Тоҳир ва ба духтар Зӯҳро ном монд.

Тоҳиру Зӯҳро дар дасти мураббиёни кордида тарбия ёфта, ба воя мерасиданд. Онҳо ҳамеша, ҳам дар сари дастурхон, ҳам дар вақти сайру гашт дар чорбоғи диловези подшоҳӣ як ҷо буданд ва ҳамеша бо ҳам бозӣ мекарданд. Вақте ки ба синни мактабхонӣ расиданд, ҳар дуро ба як мактаб супориданд, ҳар ду ҳамсабақ гардиданд.

Ин воқеа дар дили душманони вазир — падари Тоҳир оташи рашку ҳасадро фурӯзон кард. Дили чун таги дег сиёҳи онҳо аз заҳри қасду ниятҳои бад лабрез шудан гирифт. Кор ба дараҷае расид, ки онҳо дар



ҳар як мавриди мувофиқ дар назди подшоҳ вазир ва писари ӯро ганда карда, ба таърифи Зӯҳро сар мекарданду мегуфтанд:

— Эй подшоҳи аъзам! Духтари дар ҳусн беҳамто ва дар ақлу дониш беназири ту сазовори беҳтарин подшоҳи олам аст, сазовори подшоҳест, ки мамлакатро боз ҳам васеътар, давлататро боз ҳам зиёдтар карда тавонаду ба шӯҳратат шӯҳрат зам кунад.

Ин гапҳо ба дили ноустувори подшоҳ беасар намонданд. Вай дар ин бора бисьёр фикру хаёл мекардагӣ шуд. Ҳар қадар ки вай зиёдтар фикр мекард, ҳамон қадар дар

атрофи вазир оташи фитна зиёдтар забона мезад. Рафта-рафта дили подшоҳ аз вазир хунук шуда, дар қасди нобуд кардани ӯ афтод.

Як рӯз дар вақти шикор тири яке аз қарибони подшоҳ «хато хӯрда», байни ду шонаи вазирро шикоф кард. Ҳамон лаҳза чашмони вазир пӯшида шуданду вай дигар рӯи фарзанди азизашро надид.

Подшоҳ дар назди мардум худро «мусичаи бегуноҳ» нишон дода, вазири як вақтҳо аз тахти дил дӯст медоштагиашро бо обрӯю иззати зиёд дафн карда, азо гирифт.

Дар лабони Тоҳир акнун рахи сиёҳи мӯйлаб медамид. Вай ҷавони нозанин шуда буд. Марги ногаҳонии падараш ҳама гуна хаёлҳои хоми ҷавониро аз сараш бурд. Фақат ишқ — ишқи Зӯҳрои монанди хирмани гул зебову ботаровват дар дили ӯ ҷӯш мезаду зиёд мешуд.

Подшоҳ инро медонист. Бинобар ин ба балоғат расидани Тоҳиру Зӯҳроро ва нағз набудани оқибати вохӯриҳои онҳоро баҳона карда, фармон дод, ки онҳо дигар ҳамдигарро набинанд.

Фармони подшоҳро иҷро карданд. Аммо Тоҳирро тоқати ҷудоӣ набуд. Вай ба уме-

ди дидани рӯи Зӯҳрои ширинаш дар гирди қасри подшоҳ мегашту ба ӯ мурочиат карда мегуфт:

Назар бар ҳоли моён кун,
Рухи худро намоён кун,
Ниқоб аз худ парешон кун,
Шавад ҷонам фидои ту·

Аммо садоеро аз Зӯҳро нашунида, оташи ишқ дар синаи Тоҳир зиёдтар аланга зада, ӯ такрор мекард:

Эй бути нозанини ман,
Дасти ман асту доманат.
Сарви суманбарини ман,
Дасти ман асту доманат.

Бори ситам шикаст миён,
Тира ба чашми ман ҷаҳон,
Ҷони маро гирифтӣ, ҷон,
Дасти ман асту доманат.

Суруди дилхароши Тоҳир ба гӯши одамон расид. Онҳо дар атрофи Тоҳир ҷамъ шуда, бо дилсӯзии тамом ба ин ҷавони номурод ҳамдард гардида, подшоҳи бераҳмро, ки писари вазирашро ба ин ҳол андохта буд, сарзаниш мекарданд.

Шамъи ман аст рӯи ту,
Умри ман аст мӯи ту,
Ёди ман аст кӯи ту,
Дасти ман асту доманат.

Қиблаи дил сарои ту,
Каъбаи ман ҳавои ту,
Рӯяму хоки пои ту,
Дасти ман асту доманат.

Аҳду вафо намекунӣ,
Тарки ҷафо намекунӣ,
Ҳеҷ нигоҳ намекунӣ,
Дасти ман асту доманат,

— мегуфт Тоҳир аз он ҷое, ки мебоист Зӯҳро дар он ҷо бошад, чашм наканда. Вақте ки Тоҳири озурдахотир дар гирди қасри шоҳ гашта, дар ҳаққи маҳбубаи диломи худ суруд мехонд, подшоҳ дар болои тахти заррини худ нишаста, вакилони яке аз золимтарин ва зӯртарин шоҳҳои ҳамон замон — Қароботурро интизорӣ мекашид. Дере нагузашта вакилон ҳам омада монданд. Онҳо мактуби Қароботурро ба дасти подшоҳ дода, интизори ҷавоб шуда истоданд. Дар мактуб чунин навишта шуда буд:





«Чанд вақт боз одамони ман дар тамоми мамлакатҳои дуньё барои ман арӯси мувофиқ кофта мегаштанд. Кофта-кофта дар ҳеҷ ҷо монанди Зӯҳрои ту духтари нозанинро пайдо накарданд. Бинобар ин ман қарор додам, ки духтари туро ба занӣ гирам. Агар розӣ шавӣ, хеш мешавем, агар розӣ нашавӣ, ба ҷанг тайёр бош!»

Подшоҳ ба вакилон гуфт, ки ду-се рӯз пас ҷавоби мактубро мефиристад. Вакилон рафтанду подшоҳ вазиронашро чеғ зада, воқеаро гуфта дод. Вазирон ҳама бо як овоз гуфтанд, ки:



— Қароботур подшоҳи тавоно ва бузург аст. Ин ҳамон подшоҳест, ки давлататонро зиёд, шӯҳрататонро афзун карда метавонад.

Ин суханон айни муддаои подшоҳ буданд. Вай бо фикри вазирон розӣ будани худро маълум карда, онҳоро ҷавоб доду духтараш Зӯҳроро ҷеғ зада овард.

— Духтари азизам,— гуфт вай хурсандона ба Зӯҳро,— туро аз таҳти дил муборакбод мекунам. Подшоҳи аз ҳама зӯри олам — Қароботур ба ту хостгор фиристодааст. Ту хушбахтӣ, ки зани чунин шоҳи бузург мешавӣ.

— Не, не,— гуфт Зӯҳро,— ман ғайр аз Тоҳир ҳеҷ каси дигарро намехоҳам. Ман ӯро дӯст медорам, бо ҷону дилам дӯст медорам, бе ӯ зиндагӣ ба ман талх аст.

Подшоҳ ин гапро шунида, дар хашм шуд. Вай бо қаҳр ба рӯи Зӯҳро нигоҳ карда гуфт:

— Ту гапи номаъқул мегӯӣ! Тоҳир кӣ? Як нодони бепадар, вай ба нохуни пои Қаработур баробар шуда наметавонад. Ту беақлӣ накуну ӯро аз хотират барор!

— Раҳм кунед, падари азиз! — гуфт Зӯҳро.— Тоҳир ба ҷони ман баробар аст. Агар хоҳед, ки духтаратон бадбахт нашавад, аз ниятатон гардед!

Ин гапҳои духтари ягонаи худро шунида, подшоҳ ба андеша монду гуфт:

— Хайр, духтарам, ту рав, ман фикр карда мебинам.

Зӯҳро рафт. Подшоҳ фармон дод, ки вазиронро чеғ зананд. Вазирон омаданд. Вай ба онҳо воқеаи рӯйдодаро як-як гуфта дод.

Якеҳо гуфтанд, ки:

— Бо ягон роҳ Тоҳирро дар назди Зӯҳро бад карда, ӯро аз шаҳр берун кардан зарур аст. Баъд аз ин дили Зӯҳро хунук мешавад.

Дигарҳо гуфтанд, ки:

— Беҳтараш, Тоҳирро чеғ зада, насиҳат



додан даркор аст, ки вай аз ин роҳ бо ихтиёри худ гардаду аз ишқи Зӯҳрои нозанин даст кашад.

— Хайр, илоҷи ин душвор нест,— гуфт подшоҳ.

Баъд ӯ вазиронро ҷавоб дода, Тоҳирро ба назди худ даъват кард. Дили Тоҳир аз чунин илтифоти ногаҳонии подшоҳ пурумед шуда буд, аммо суханони аввалини подшоҳро шунида, тарбузи ӯ аз бағалаш афтод. Подшоҳ ба ӯ таклиф кард, ки аз ишқи Зӯҳро дасту дил шуста, аз шаҳр баромада равад.

— Не! — гуфт Тоҳир.— Ман то ҷон дар бадан дорам, даст аз домани Зӯҳро намекашам.

— Ин ба ту муяссар намешавад! — гуфт подшоҳ.— Беҳтар он ки ба ҷони ҷавонат ҷабр накарда, гапи маро нагардонӣ!

Тоҳир дар ғазаб шуда гуфт:

— Ту падари маро куштӣ, модари бечораамро бева ва фарзанди ягонаи ӯро ятим кардӣ. Акнун мехоҳӣ ман ба гапи ту даромада, аз ишқи Зӯҳрои ба ҷонам баробар даст кашам?!

Подшоҳ беҳад хашмнок шуда, фармон дод, ки ӯро дасту пою чашм баста, ба ягон



канори дурдасти мамлакат бурда партоянд ва агар ягон рӯз баргашта биёяд ҳам, ба шаҳр роҳ надиҳанд. Баъд аз ин подшоҳ ду кампири золро ба назди Зӯҳро равон карда гуфт:

— Рафта ба духтарам гӯед, ки Тоҳир дар ҳаққи ваю ман гапҳои нолоиқ гуфта гаштааст.

Кампирҳо ин хабарро зуд ба Зӯҳро расонданд. Зӯҳро, ки ба ҳар як хабаре дар бораи Тоҳир бесаброна интизор буд, гапҳои кампиронро шунида, аввал ранҷид.

Баъд хислатҳои Тоҳир, муносибати ҳамеша меҳрубонона ва пурнавозиш, дӯстии самимонаи аз бачагӣ дар байнашон ба амал омадаро ба хотир оварда, ба дурустии гапҳои кампирон шубҳа карду қарор дод, ки навмед нашуда, интизорӣ кашад.

Подшоҳ бошад, баъд аз ронда шудани Тоҳир хеле хотирҷамъ шуда, ба Қароботур навишт, ки ба додани духтараш розӣ аст.

Қароботур хурсанд шуда, бо надимҳояш ба ҳузури подшоҳ омад ва хоҳиш кард, ки Зӯҳроро ба ӯ нишон диҳанд.

Зӯҳроро оварданд. Рӯи чун моҳ тобон, қомати мавзун ва чашмони шаҳлои пурҷозибаи ӯро дида, ҳуш аз сари Қароботур париду дар дили сиёҳаш муҳаббат лона андохт.

— Ман ин духтари нозанинро мегирам,— гуфт ӯ ба падари Зӯҳро,— ва дар ивази ӯ ҳар чӣ хоҳӣ, иҷро мекунам!

Падари Зӯҳро хурсанд шуда гуфт:

— Эй подшоҳи олам ва эй султони муаззам, ба ман ҳеҷ чиз даркор не, аз илтифоти шумо ман бағоят сарфароз ҳастам.

Ин гапҳо чун тири заҳролуд дили поки Зӯҳроро ранҷур карданд.

— Ман каси дигар — Тоҳирро дӯст медо-



рам,— фарьёд кард ӯ.— Тоҳир барои ман аз зиндагӣ ҳам ширинтар аст.

Подшоҳ гуфт:

— Тоҳир дар ҳаққи ту бисьёр гапҳои нолоиқ гуфта гаштааст, вай туро дӯст намедорад, вай аз ту дилхунук шуда, баромада рафтааст.

— Бовар намекунам! — гуфт Зӯҳро.— Тоҳир ин хел одам не.

Қароботур аз ишқи Зӯҳро хабардор набуд ва ин воқеаро дида гуфт:

— Ин тавр бошад, ман чил рӯзи дигар мунтазир мешавам, боварӣ дорам, ки дар ин муддат Зӯҳрои нозанин аз Тоҳиру аз му-

ҳаббати ӯ безор шуда, маликаи дилороми ман мешавад. Шарт ҳамин.

Подшоҳ ба Тоҳир лаънатҳо хонда, ноилоҷ розӣ шуд ва коҳишу мазамматкунон Зӯҳроро аз назди худ ронд.

Навкарони подшоҳ Тоҳирро баста, ба як канори дурдасти мамлакат дар як биёбони беобу бегиёҳ бурда партофтанд. Тоҳир бо азоби зиёд банди дасту пояшро канда, ба ҷустуҷӯи охири ин биёбон овора шуд.

Зӯҳрои бечора хабар ёфт, ки Тоҳирро ба кадом як биёбони хушку холӣ бурда партофтаанд. Вай ба воситаи канизаконаш аз ҳар як корвон илтимос мекард, ки ҳар куҷо раванд, Тоҳирро ҷустуҷӯ карда, хабарашро гирифта биёранд.

Кори Зӯҳро гиръя буд, дурдонаҳои ашк дар нӯгҳои мижгони дарози камонвор қат-шуда ва дар рӯи монанди барги гул латифу зебояш ҳамеша дурахшон буданд.

Ӯро на хоб буду на қарор, вай ҳасрати дидори Тоҳирро мехӯрду мегуфт:

Хобам намебарад, ки хобат бинам,
Дар курта намеғунҷад тани мискинам.
Не шаб қарор дорам, не рӯзи дароз,
Таҳсин, ки намекафад дили сангинам.



Сорбонҳо суруди дилхароши Зӯҳроро, ҳамчун нолаи дили хароби ӯ, ба умеди ба гӯши Тоҳири номурод расонидан дар ҳар ҷо суруда мегаштанд.

Тоҳир бошад, дар ҳамон биёбони хушку хароб гушнаву ташна овора шуда мегашт. Фақат муҳаббати Зӯҳрои азизаш ба ӯ қуввату мадор мебахшид. Як рӯз аз доманаи як кӯҳ гузашта истода буд, ки навҳаи дилхароши касе ба гӯшаш расид. Марди навҳакунанда гаштаву баргашта номи Тоҳирро такрор мекард. Тоҳир ҳайрон шуда, ба сӯи сароянда шитофт. Наздик шуда дид, ки кор-

воне мегузараду яке аз корвониҳо Тоҳирро ёд карда, ба оҳанги ҳазине месарояд:

Эй Тоҳири хору зор,
Зӯҳро ба ту интизор.
Бо дили пора-пора,
Бо дидаи ба раҳ чор.
Ғами ӯро канор нест,
Дили ӯро қарор нест,
Бахти ӯро барор нест,
Бе Тоҳири дилафгор.
Хоб аз ӯ парида,
Шодӣ аз ӯ рамида,
Қомати ӯ хамида,
Зи кулфати бешумор.

— Одами нек,— гуфт Тоҳир,— аз суруди ту садои дили Зӯҳрои меҳрубонамро мешунавам, гӯй, ки аз куҷо меоӣ ва ин сурудро аз кӣ шунидӣ?

Корвонӣ ба Тоҳир ба диққат нигоҳ карда гуфт:

— Аз кӣ мегӯӣ? Аз худи Зӯҳрои нозанин шунидаам. Вай ба мо фармудааст, ки сар то сари олам гардему Тоҳири азизашро суроғ кунем, агар дар ягон ҷо дида монем, гирифта барем.

Тоҳир хурсанд шуда гуфт:

— Тоҳири хору зор, Тоҳири дилафгор ман ҳастам.

— Ин тавр бошад,— гуфт корвонӣ,— ба-ро, ба ин шутур бишин, мо туро пеши Зӯҳ-ро мебарем.

Корвон равон шуд. Чанд шабу чанд рӯз гашта, ба манзили дилхоҳ расиданд.

Омадани Тоҳирро шунида, мурғи дили Зӯҳро аз нав зинда шуду вай маҳбуби хас-таву беҳолшудаашро ба қаср гирифта бурд. Тоҳир аз ғамхории маҳбубаи дилоромаш зуд ба худ меомад. Аммо бахти Тоҳиру Зӯҳ-ро дер давом накард. Ҷосусони Қароботур аз воқеа пай бурда, ба ӯ хабар расониданд. Ҳамон замон Қароботур бо лашкари зиёд ба мулки падари Зӯҳро омада гуфт:

— Тоҳир баргаштаасту чанд вақт боз бо духтари ту айшу ишрат доштааст. Агар ҳо-зир ӯро нест накунӣ, тахту тоҷатро зеру за-бар карда, ҳам сари туро мегираму ҳам са-ри духтаратро!

Подшоҳ бисьёр тарсид ва ҳамон замон вазиронашро ҷеғ зада маслиҳат пурсид.

— Як илоҷ карда аз Тоҳир тамоман ха-лос шудан зарур аст! — гуфт вазири дасти росташ.— Илоҷи беҳтарин ба сандуқе ан-

дохта, ба об равон кардан аст! Баъд Тоҳир дигар барнамегардад.

Подшоҳ ин фикрро маъқул донист ва дарров устоҳои сандуқсозро оваронда фармуд, ки як сандуқи калон созанд.

Устоҳо сандуқро буд карда, ба подшоҳ хабар доданд. Подшоҳ фармон дод, ки сандуқро ба лаби дарьё баранд. Зӯҳро ғамгину маъюс ба лаби дарьё ҳозир шуда, бо чашми гирьёну дили бирьён ба Тоҳир нигоҳ карда гуфт:

Тоҳирҷони ман, Тоҳирҷони ман,
Чашми бади кас ҳеҷ ба чашмат нарасад,
Оташ ба вуҷуди ишқпарастат нарасад,
Мардуми ҷаҳон ҳама дуо мегӯянд:
«Ҳар ҷо рафтӣ, ҳеҷ шикастат нарасад».

Тоҳир гашту гуфт:

Зӯҳроҷони ман, Зӯҳроҷони ман,
Зулфи сияҳат мусалсалои дили ман,
Лаъли лабакат гиреҳкушои дили ман,
Ман дил надиҳам ба кас барои дили ту,
Ту дил надиҳӣ, ба кас барои дили ман.

Зӯҳро ҷавоб дод, ки:

Дарьё, ки калон шавад, адояш кӣ кунад?
Ду дил, ки яке шавад, ҷудояш кӣ кунад?



Ду дил, ки яке шавад, ҷудояш мушкил,
Ҳар кас, ки ҷудо кунад, ба ғам дармонад!

Подшоҳ ин воқеаро дида, фармон дод, ки Тоҳирро зудтар ба сандуқ дароранду маҳкам карда, ба об партоянд. Навкаронаш фармони подшоҳро иҷро карданд. Сандуқ лаплапкунон рӯй-рӯи об равон шуд ва дере нагузашта аз назарҳо ғоиб шуда рафт. Рафт, рафт, баъди чанд шабу чанд рӯз аз паҳлуи як нимҷазира гузашта истода буд, ки онро се духтари подшоҳ дида монданд. Онҳо духтарони подшоҳи ҳамин мамлакат

буданду ҳар рӯз ба ин ҷо омада, оббозӣ мекарданд.

— Ҳар кас ки ҳамон сандуқро гирифта барорад, моли сандуқ аз они ҳамон,— гуфт духтари калонӣ.

Ин гапро ҳар се маъқул донистанду духтари калонӣ ба дарьё парид. Шино карда, рафта ҳарчанд даст андохт, мавҷи дарьё ӯро тела доду сандуқро гирифта натавонист. Баъд духтари миёна парид, ин ҳам ҳарчанд кард, гирифта натавонист. Духтари хурдӣ гуфт, ки:

— Апаҳо, шумо аз об бароед, канӣ ман як санҷида бинам, бахт ёрам мешавад ё не.

Апаҳояш аз дарьё баромаданду ин духтар худро ба дарьё партофт.

Вай шино карда, ба сандуқ наздик шуда, даст андохт. Гӯшаки сандуқ ба дасташ омад. Гӯшакро маҳкам қапида, сандуқро кашида, ба лаби дарьё овард.

Хоҳарон сандуқро аз дарьё баровrouteарда, нигоҳ карданд, ки ҳеҷ ҷои мекушодагӣ надорад. Қарор доданд, ки сарпӯшашро шикананду бинанд, ки дар дарунаш чӣ ҳаст. Ҳамин вақт аз даруни сандуқ садои шақуршуқур баромада, сарпӯши сандуқ кушода шуд. Диданд, ки як ҷавони нозанин хобида-

аст, чунон нозанин, ки ҳеҷ мислу монанд надорад.

Даррав ба подшоҳ хабар доданд. Подшоҳ одам фиристода, сандуқро ба қасраш оваронид. Ба табибон фармуд, ки Тоҳирро, ки дар роҳ кӯфтаю касал шуда буд, табобату парвариш кунанд.

Чанд рӯз гузашт. Тоҳир ҳол гирифта, аз пештара ҳам нозанинтару зеботар шуд. Баъд аз ин хоҳарон аз маслиҳати кардагиашон ба подшоҳ хабар доданд. Подшоҳ розӣ шуд, ки Гавҳарро ба Тоҳир диҳад. Тӯй сар шуд. Вале Тоҳир бехабар буд. Тӯй тамом шуду Тоҳиру Гавҳарро ба хонаи подшоҳ ҷудо кардагӣ монда рафтанд. Тоҳир ба ӯ саргузашташро нақл карда дода гуфт:

— Зӯҳро нури дидагонам, ақлу ҳушам, хурсандии дилам, орзую умедам аст, ман намехоҳам, ки ба ӯ бевафоӣ кунам.

— Ман туро аз Зӯҳро зиёдтар дӯст доштам,— гуфт Гавҳар — якравӣ накуну муҳаббати аввалини самимӣ ва гарму ҷӯшони маро пешпо назан.

Тоҳир оҳи бадард кашида гуфт:

Бе Зӯҳраи ҷон ман ин ҷаҳонро чӣ кунам!
Бе ӯ гули сурхи арғувонро чӣ кунам!

Бе ӯ гули сурхи арғувон бисьёр аст,
Дил майли ӯ дорад, дигаронро чӣ кунам!

Гавҳар ба Тоҳир муҳаббат изҳор мекард, Тоҳир бошад, аз Гавҳар илтимос мекард, ки ӯро ором гузорад, ёди пурсафои Зӯҳрои дилоромашро тира накунад. Ҳамин хел то саҳар гапзанон карданд ва қариби рӯз шуда буд, ки хоби Гавҳар бурда монд.

Ҳамон замон Тоҳир хеста, либосашро дигар карду баромада роҳи кӯҳу биёбонро пеш гирифт. Рафт, рафт, баъди чанд шабу рӯз ба пойтахти мамлакаташ расид.

Дар он ҷо ӯ худро ба шакли хизматгор даровардa, канизи Зӯҳро шуд.

Вале ин дафъа ҳам шодии Тоҳиру Зӯҳро дер давом накард. Қароботури бераҳму дилсахт аз гашта омадани Тоҳир хабар ёфта, фавран ба пеши падари Зӯҳро омада, воқеаро гуфта дод.

Подшоҳ дар ғазаб шуда, ҷаллодонашро чеғ зада фармон дод, ки Тоҳирро ёфта ба дор овезанд. Ҷаллодон Тоҳирро оварда, дар пеши чашми подшоҳу Қароботур ба таги дор бурданд.

Тоҳир ба таги дор мерафту мегуфт:

Зӯҳраам, офтоби бахтам, меҳрубонам, алвидоъ!
Нури чашму сабри дил, орами ҷонам, алвидоъ!

Меравам аз ин ҷаҳон бо сад фиғону номурод,
Хуш бимон, хушбахт бош, эй Зӯҳраҷонам, алвидоъ!

Зӯҳро бошад, акнун тамоман бадбахт шуда буд. Вай якчанд рӯз ба хотири Тоҳир либоси сиёҳ пӯшида, азо гирифт. Ғами ёри ҷавонмаргшудааш ӯро чун шамъ об мекард.

Вай чун шамъ об мешуду Тоҳирашро ёд карда мегуфт:

Тоҷ будӣ бар сарам,
Лола будӣ бар рухам,
Тоҷ афтид аз сарам,
Лола парид аз рухам!
Дод аз дастат, фалак!
Сад дод аз дастат, фалак!

Бо фармоиши подшоҳ чил канизак шабу рӯз ӯро посбонӣ мекарданд.

Зӯҳро рӯзе либоси сиёҳашро кашида сару либоси идона пӯшид, сару дасту гарданашро пур аз зару зевар карда, ба канизон гуфт:

— Мебинам, ки аз ин хел азо гирифта гаштани ман на ба Тоҳир фоидаву на ба худи ман. Аз ҳамин рӯз сар карда азодориро бас мекунам. Дилам хурсанд шудан мехоҳад, сайри чорбоғ мехоҳад.

Як канизак ин гапро шунида, зуд ба пеши подшоҳ рафту гапҳои Зӯҳроро гуфта дод. Подшоҳ шод шуда гуфт:

— Майлаш, хурсандӣ кунад, сайри чорбоғ кунад.

Пас аз ин Зӯҳро бо ҳамроҳии чил каниз ба чорбоғи падараш равон шуд. Ба ин тараф, он тарафи чорбоғ сайру гашт карда, баъд ба канизакон рӯ оварда гуфт:

— Ман имрӯз ҷудо хурсанд, мехоҳам, ки шумо ҳам ман барин хурсанд бошед! — ҳамин хел гуфту тамоми зару зевари сару дасту гарданашро канда, ба чор тараф пошида партофта:

— Ана, чинда гиред!— гуфт.

Чил каниз ҳамдигарро тела дода, ба чиндан андармон шуданд.

Зӯҳро фурсатро ғанимат даниста, ба сари гӯри Тоҳир омад. Вай дар пеши хоктӯдаи қабр нишаста зор-зор гирья карду баъд аз бағалаш ханҷари тезу бурроро бароварда, дили софу некашро пора кард.

Канизакон зару зеварро чида гирифта, ин сӯ, он сӯро кофта диданд, ки дар ҳеҷ ҷо Зӯҳро нест. Аз ин воқеа сахт дар ташвиш афтода, доду фиғонкунон пеши подшоҳ рафтанд. Подшоҳ дар ғазаб шуда, ба навка-

ронаш фармон дод, ки тамоми шаҳрро ҷустуҷӯ карда, Зӯҳроро ёбанд.

Навкарон кофта-кофта ба сари қабри Тоҳир омаданд. Диданд, ки Зӯҳро хоктеппаи гӯрро оғӯш карда хобидааст. Наздиктар омада, дар ӯ осори зиндагиро надиданд. Зуд рафтанду аз ҳодиса подшоҳро хабардор карданд. Подшоҳ гирьёну нолон омад... Аммо гирьяи ӯ, ҳарчанд ки дилхарош буд, дигар суде надошт. Вай ду дилдодаи бегуноҳро ба ғаму машаққати зиёд гирифтор карду азоб акнун ба сари худаш омад.

«Ман барои он ҷазо мебинам, ки ба ваъдаи ба дӯстам — вазир додагиам вафо накардам. Ман барои он ҷазо мебинам, ки муҳаббати поки духтари ягонаам ва писари ягонаи дӯстамро бераҳмона зери по кардам»,— мегуфт худ ба худ подшоҳ.

Зӯҳрои нокомро дар паҳлуи Тоҳир дафн кард. Аз рӯзи дафн ду ҳафта нагузашта, одамон омада диданд, ки аз гӯри ҳар ду як буттагӣ гул рӯидаасту гулҳо ба ҳамдигар печидаанд. Мардум ин гулро ошиқи печон ном карданд. Гули ошиқи печон, ки ҳоло дар ҳама ҷо мерӯяд, аз ишқи Тоҳиру Зӯҳро ёдгории ҷовидонӣ аст.

Тоҷик Ф
Т 75

7—6—3
32—67

*Барои бачагони синни миёнаи мактабӣ*

**ТАХИР И ЗУХРА**

Таджикская народная сказка

*(на таджикском языке)*

Муҳаррирон *Қ. Ҳадиса* ва *А. Холов*
Рассом *Б. Серебрянский*
Муҳаррири расмҳо *В. Будный*
Муҳаррири техникӣ *С. Хлебникова*
Мусаҳҳеҳ *Юсуф Аҳмадов*

Ба матбаа 17/V-67 супорида шуд. Ба чопаш 27/X-67 с. имзо шуд. Коғази 70×108 1/32. Ҷузъи чопӣ 1. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 0,98. Супориши № 1686. Адади нашр 10000. Нархаш 5 тин. КЛ 05908.

Нашриёти «Ирфон», Душанбе, кӯчаи Шевченко, 10.
Комбинати полиграфии Комитети матбуоти назди Совети Вазирони РСС Тоҷикистон.